Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4

**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Султонов Абдураҳмон Неъмонович дар мавзуи: «Баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт пешниҳод шудааст.**

Равона намудани сармоягузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ махсусан ба соҳаи маориф, тандурурстӣ ва фарҳанг дар шароити муосир хеле муҳим буда барои тақвият бахшидани хизматрасониҳои иҷтимоӣ метавонад мусоидат намояд. Вобаста ба ин, масъалаи баландбардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ дар ин самтҳо хеле муҳим мебошад. Равона намудани сармоягузориҳо ба соҳаи маориф барои баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои таҳсилотӣ, беҳтар гардидани шароити тадрис ва таъминоти мактабҳо бо лавозимоти зарурӣ мусоидат менамояд. Солҳои охир ба ин соҳа ҳам аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳам аз ҳисоби ҷалби сармоягузории хориҷӣ сармоягузорӣ афзоиш ёфта истодааст. Аммо, масъалаи дигар мақсаднок ва самаранок истифодабарии ин маблағҳо мебошад. Вобаста ба ин хулоса намудан мумкин аст, ки мавзуи интихоб намудаи муаллиф хеле мубрам ва пешбурди таҳқиқот дар ин самт саривақтӣ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои гузоштаи муаллиф барои баланд бардоштани самаранокии равандҳои сармоягузорӣ ба соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар мусоидат менамоянд. Яке аз хусусиятҳои муҳими кори анҷомёфта дар он аст, ки муаллиф таҳлили раванди сармоягузориро дар автореферати диссертатсия аз таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ оғоз намудааст. Ин тарзи ба роҳ мондани кор ба ақидаи мо дуруст мебошад. Зеро дарки илмӣ-назариявии масъала ба муҳақиқ имкон медиҳад, ки хулосаҳои дақиқу воқеиро ҷиҳати таҳкими идоракунии раванди баландбардории самаранокии истифодабарии сармоягузориҳо қабул намояд (саҳ.9-10).

Муаллиф дар асоси таҳлили ақидаҳои назариявии мавҷуда нуқтаи назари худро ҷамбаст намуда таърифи муалифии мафҳуми сармоягузориро пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирист. Ба ақидаи муаллиф «сармоягузорӣ маҷмӯи арзишҳои пулӣ, молӣ ва интеллектуалиро дар худ нишон дода, дар тадбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ бо мақсади афзун намудани сармояи ҳақиқии ҷомеа ва самаранокии истифодаи он гузошта шуда, дорои натиҷаи афзудани фоидаи (даромад) субъектони иқтисодӣ ва ё бадастории самараи мусбии иҷтимоиву экологӣ мебошад» (саҳ. 10).

Инчунин дар диссертатсия муҳаққиқ накши соҳаи хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбиро дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар муайян намудааст. Дар таҳқиқот барои арзёбии самаранокии сармягузорӣ ба соҳаи таҳсилоти олӣ даромади (арзиши) софи холис истифода шудааст (саҳ.11).

Масъалаи ҷолиби диққат дар автореферати мазкур он аст, ки муаллиф дар баробари таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ оид ба сармоягузорӣ аз дастгоҳи математикӣ (моделсозӣ) низ истифода намуда ақидаҳои пешниҳоднамудаи хешро исбот намудааст (саҳ. 13).

Инчунин қобили дастгирист, ки муаллиф маводҳои зиёди омориро коркард намуда натиҷаҳои онро барои баландбардории самаранокии сармогузориҳо дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ истифода намудааст.

Маводҳои чоп намудаи муаллиф низ пурра ба мавзуи илмӣ-таҳқиқотӣ равона карда шуда моҳияти онро ошкор менамояд.

Дар баробари натиҷаҳои назарраси илмӣ ба ақидаи мо барои беҳтар намудани самаранокии сармоягузориҳо дар соҳаи маориф муаллифро мебоист, ки ба як қатор масъалаҳои ҷузъӣ таваҷҷуҳ зоҳир намояд:

1. Ҷадвали 1, ки шарҳи мафҳуми сармоягузорӣ аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ номгузорӣ карда шудааст, пурра нест. Зеро олимони ватанию хориҷии дар ин самт таҳқиқоти илмӣ доштаро ба таври возеҳ нишон намедиҳад. Хуб мебуд агар дар ин ҷадвал

ақидаи муаллифон бо назардошти фикру андешаи онҳо дар мавриди сармоягузорӣ ба соҳаи маориф оварда мешуд;

2. Дар саҳифаи 17-и автореферат муаллиф ҷадвалеро овардааст. (Ҳиссаи нишондиҳандаи даромади софи холис дар соҳаи ТОК ҶТ (млн. сомонӣ), аммо дар дохили он соҳаи энергетика, тиб, молия ва хоҷагии қишлоқ оварда шудааст. Ба ақидаи мо агар муаллиф ин ҷадвалро барои исботи ягон ақидаи хеш оварда бошад бояд онро ба таври возеҳтар шарҳ медод, сифати кор хубтар мешуд.

Эродҳои пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ дошта сифати кори анҷомёфтаро кам намекунанд.

Хулоса автореферати диссертатсия ва хулосаю пешниҳодҳои муаллиф дар он овардашуда ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта баҳисоб меравад ва худи муаллиф Султонов Абдураҳмон Неъмонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,**
**Мудири кафедраи умумидонишгоҳии**
**назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон** **А.Қ. Комилзода**

**Имзои Комилзода А.Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.**

20.02.25

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Ш. Душанбе, Рудакӣ 17.**
http: www. tnu.tj 55-444-07-70